**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданй; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити вусъат ёфтани равобити иқтисоди ҷаҳонӣ ва мустаҳкам шудани муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин инкишофи робитаи байни халқҳои мамлакатҳои гуногун, сайёҳии байналмилалӣ аҳамияти махсус пайдо карда истодааст. Инкишофи он, пеш аз хама, ба шартҳои иҷтимоию иқтисодӣ: баланд гардидани самаранокии меҳнат, зиёд шудани давомнокии рухсатии меҳнатӣ, баланд рафтани музди кор, талаботи одамон ба тағйир додани муҳит асос ёфтааст. Ғайр аз ин, ба инкишофи сайёҳии байналмилалӣ дар бисёр мамлакатҳо чунин ҳолатҳо таъсири калон расонд: сабук кардани маҳдудиятхои содироти асъор; соддагардонии расмиятҳои сарҳадӣ;

майлу хоҳиши мамлакатҳои алоҳида ба зиёд кардани даромади асъор аз сайёҳӣ ва ба ин максад барпо намудани индустрияи сайёҳӣ.

Сайёҳии байналмилалӣ вазифаҳои сершумори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитариро иҷро карда, ба яке аз сарчашмаҳои рушди иқтисодии бисёр кишварҳо ва воситаи баланд бардоштани минтақаҳои ақибмондаи онҳо табдил гардидааст. Инкишофи мубодилаи сайёҳии байналмилалӣ омили асосии интегратсияи иқтисодию фарҳангӣ гардид, ки ин ҷараёнҳо дар аввал дар дохили минтақаҳои алоҳида ба вучуд омада, торафт ахамияти умуми пайдо кардааст. Дар баробари ин, сайёҳии байналмилалӣ бо нақши фаъоли сайёҳон хос аст, зеро шакли муҳимтарини истифодабарии вақти фароғат, воситаи муоширати байни мардуми кишварҳои гуногун ва воситаи омӯхтани олами атроф гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар зерин зоҳир мегардад: таҳлили муфассали камбудиҳои қонунгузории Тоҷикистон дар танзими сайёҳии байналмилалӣ, ки дар адабиёти илмии тоҷик кам баррасӣ шудааст; пешниҳоди модели нави танзими ҳуқуқии шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ ва миёнравӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва стандартҳои СҶТ; таҳияи тавсияҳои амалӣ барои мутобиқсозии қонунгузории Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалӣ, ки метавонанд ба рушди соҳаи сайёҳии кишвар мусоидат намоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сайёҳии байналмилалӣ як самти фаъолияти соҳибкорӣ буда, сайёҳати шахсони воқеиро ба Тоҷикистон ва сайёҳати шаҳрвандони Тоҷикистонро кишварҳои хориҷӣ бо мақсадҳои гуногун, аз қабили истироҳат, омӯзиши фарҳанг, табобат, тиҷорат ва муоширати байналмилалӣ дар бар мегирад. Ин фаъолият на танҳо ба афзоиши даромади иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки ба мубодилаи

фарҳангӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди устувори захираҳои табиӣ ва таърихӣ низ хизмат менамояд. Хусусияти асосии сайёҳии байналмилалӣ дар иштироки субъектҳои гуногуни байналмилалӣ аз қабили сайёҳон, танзимгарону агентии сайёҳӣ и сайёҳӣ ва хизматрасонандагон зоҳир мегардад. Барои пурра истифода бурдани потенсиали ин соҳа зарур аст, ки мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ дақиқ муайян карда шуда, намудҳо ва талаботи он мушаххас гарданд. Сайёҳии байналмилалӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ба мақсадҳои мушаххаси сафар, хусусиятҳои ташкил ва талаботи сайёҳон асос ёфтаанд ва дар Тоҷикистон чунин намудҳояш бештар рушд намудаанд: сайёҳии фарҳангӣ; сайёҳии экологӣ; сайёҳии табобатӣ; сайёҳии тиҷоратӣ; сайёҳии кӯҳнавардӣ ва ғайра.

2. Аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ шартномаҳои байни субъектҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд, ки ба ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ аз қабили истироҳат, сафарҳои фарҳангӣ, табобат ва чорабиниҳои тиҷоратӣ нигаронида шудаанд. Ин аҳдҳо муносибатҳои хизматрасониро бо иштироки тарафҳои сайёҳии байналмилалӣ танзим мекунанд. мусоидат мекунанд. Хусусияти асосии аҳдҳои иқтисоди беруна дар хусусияти трансмиллӣ, зарурати риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва мураккабии танзими ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, зеро онҳо ба қонунгузории миллии тарафҳо ва стандартҳои СҶТ такя мекунанд. Намудҳои асосии аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ инҳоянд: 1) Шартномаи хизматрасонии пулакӣ – ба анҷоми хизматрасониҳои мустақим ба монанди истиқомат дар меҳмонхона ё роҳбаладӣ нигаронида шудааст; 2) Шартномаи миёнравӣ – ба ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби агентии сайёҳӣ равона аст; 3) Шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ – интиқоли сайёҳон тавассути ҳавопаймо, қатора ё автобусро дар бар мегирад.

3. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ, шартномаи миёнравӣ ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ намудҳои асосии аҳдҳои иқтисоди берунаро ташкил дода, дар қонунгузории Тоҷикистон бо нофаҳмиҳои зиёди ҳуқуқӣ рӯбарӯ мебошанд. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба анҷоми хизматрасониҳои мустақими сайёҳӣ, ба монанди истиқомат дар меҳмонхонаҳои Душанбе ё роҳбаладии сайёҳон дар Помир, нигаронида шуда, хизматрасонро ба таъмини сифати хизмат ва муштариро ба пардохт ӯҳдадор мекунад, аммо набудани меъёрҳои мушаххас дар Кодекси мадании ҶТ (моддаҳои 859-864) боиси паст шудани сифат мегардад. Шартномаи хизматрасонии миёнаравӣ ба ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби миёнравон, ба монанди агентии сайёҳӣ равона буда, масъулияти онҳо аксар норавшан мемонад, ки ба баҳсҳои ҳуқуқӣ бо сайёҳони хориҷӣ оварда мерасонад. Шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ ба интиқоли сайёҳон тавассути воситаҳои нақлиёт (ҳавопаймо, қатора) нигаронида шудааст. Таносуби ин шартномаҳо дар он аст, ки шартномаи хизматрасонии пулакӣ хизматрасонии мустақимро, шартномаи хизматрасонии миёнаравӣ ташкили онро ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ шарти техникии сафарро таъмин мекунад, аммо дар қонунгузории Тоҷикистон фарқияти онҳо дақиқ муайян нашудааст. Ин норасоӣ боиси нофаҳмиҳо дар масъулияти тарафҳо ва коҳиши эътимоди сайёҳон мегардад. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки қонунгузорӣ бо муайян кардани таносуби ин шартномаҳо такмил ёфта, меъёрҳои мушаххас барои масъулият ва сифати хизматрасониҳо ҷорӣ карда шаванд.

4. Ҳуқуқ нисбати аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, масъулият ва манфиатҳои тарафҳои шартнома – танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, хизматрасонон ва сайёҳони хориҷиро муайян мекунад. Барои муайян кардани ҳуқуқ дар аҳдҳои иқтисоди беруна зарур

аст, ки масъулияти хизматрасонон (меҳмонхонаҳо, роҳбаладон), миёнравон (агентии сайёҳӣ) ва субъектони хизматрасонии нақлиётӣ дақиқ муқаррар карда шуда, тартиби ҷуброни зиён ба сайёҳон мушаххас гардад. Ин тадбирҳо метавонанд шаффофияти муносибатҳои шартномавиро афзоиш дода, ба баланд шудани ҷаззобияти Тоҷикистон барои сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд. Барои ин зарур аст, ки қонунгузорӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи байналмилалӣ оид ба шартномаҳои сафар (CCV) мутобиқ гардонида шуда, механизмҳои арбитраж таъсис дода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқот ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, такмил додани соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд, ки барои рушди иқтисодии Тоҷикистон ва афзоиши сармояи хориҷӣ аҳамияти калон дорад.

Махсусан, муаллиф нуқтаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ асос

мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкортӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзӯи танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ алоқаманд мебошад, мавриди корбарӣ қарор гирад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллиф корҳои муҳими илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссетратсия.** Диссертатсияи мазкур вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, мухтаво, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва

номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби аввал – "**Тавсифи умумии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ"** масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: мафҳум ва намудҳои сайёҳии байналмилалӣ; мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ; сарчашмаҳои ҳуқуқии батанзимдарорандаи сайёҳии байналмилалӣ.

Муаллиф дар боби дуюм – "**Хусусияти танзими ҳуқуқӣ ва муайян намудани ҳуқуқи нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ татбиқшаванда**" чунин масъалаҳоро таҳлил намудааст: шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ; шартномаи миёнравӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмиалалӣ; муайян намудани ҳуқуқ нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ.

Дар боби сеюм – "**Механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон**" масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ; нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар тақриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1. Дар нуқтаи №1 пешниҳодҳо барои ҳимоя диссертант қайд менамояд, ки "Барои пурра истифода бурдани потенсиали соҳаи сайёҳии

байналмилалӣ  зарур аст, ки мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ дақиқ муайян карда шуда, намудҳо ва талаботи он мушаххас гарданд. Сайёҳии байналмилалӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ба мақсадҳои мушаххаси сафар, хусусиятҳои ташкил ва талаботи сайёҳон асос ёфтаанд ва дар Тоҷикистон чунин намудҳояш бештар рушд намудаанд: сайёҳии фарҳангӣ; сайёҳии экологӣ; сайёҳии табобатӣ; сайёҳии тиҷоратӣ; сайёҳии кӯҳнавардӣ ва ғайра".

Вобаста ба ин аз диссертант пурсида мешавад, ки зарурати амали ва назариявии мустаҳкам кардани мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ дар қонунгузорӣ дар чи зоҳир мегардад? Диссертант якчанд намуди сайёҳии байналмилалиро ҷудо намудааст ва дар ин бобат дуюм савол ба вуҷуд меояд, мафҳуми кадом намуди сайёҳии байналмилалӣ: сайёҳии фарҳангӣ; сайёҳии экологӣ; сайёҳии табобатӣ; сайёҳии тиҷоратӣ; сайёҳии кӯҳнавардӣ дар қонун нишон дода шавад? Дар ин ҳолат, чунин мустаҳкамнамоии мафҳумҳо дар қонун ба сарбории чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ таъсир намерасонад?

2. Дар нуқтаи №2 пешниҳодҳо барои ҳимоя диссертант масъалаи аҳдҳои иқтисоди беруниро дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ бардошта, нигаронии ин аҳдҳоро ба "ташкили" хизматрасониҳои сайёҳӣ аз қабили истироҳат, сафарҳои фарҳангӣ, табобат ва чорабиниҳои тиҷоратӣ қайд намудаст. Дар робита ба ин, савол ба вуҷуд меояд, оё аҳди иқтисоди берунӣ ба "ташикил" ё ин ки ба **расонидани** хизматрасониҳои сайёҳӣ равона карда шудааст?

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуқтаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад. Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ,

ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, мутобиқат дорад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Сидиқов Д.А.

«Имзои Сидиқов Д.А.–ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Нуриддинов Х.Х.

20.09.2025

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru**